**Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 дар соли 2015**

Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2012 №678 тасдиқ гардидааст, фарогири таълими соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии муаллимон, судяҳо, хизматчиёни шаҳрвандӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбии ҳамаи сатҳҳо мебошад.

Татбиқи Барнома се марҳила: марҳилаи якум солҳои 2013-2014, марҳилаи дуюм солҳои 2015-2018 ва марҳилаи сеюм солҳои 2019-2020-ро дар бар мегирад.

Зимни татбиқи марҳилаи якуми Барнома дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ аз намояндагони сохторҳои таълимии вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар ташкилотҳо таъсис дода шудааст, ки дар назди он вобаста ба самтҳои асосии иҷрои Барнома шаш гурӯҳи корӣ амал менамоянд.

Аз ҷониби гурӯҳҳои кории назди Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ 17 барномаҳои мақсаднок таҳия гардиданд. Ин барномаҳо барои дар муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ намудани фанни «Ҳуқуқи инсон» ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораҳои дахлдор ирсол гардиданд.

Барномаҳои таълимии мазкур дар баъзе вазорату идораҳо мавриди татбиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура, Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, Маркази таълимии судяҳои назди Шӯрои адлия, Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлия, Муассисаи давлатии такмили ихтисоси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ омӯзиши фанни "Ҳуқуқи инсон" ва курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шудаанд.

Рӯзи 31 марти соли 2015 бо ташаббуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифии иҷрои марҳилаи якуми татбиқи Барнома (2013-2014) ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои марҳилаи дуюми Барнома (2015-2018) баргузор гардид.

Аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсоз бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани таълим аз фанни «Ҳуқуқи инсон» барои донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, донишҷӯёни ихтисосҳои ғайриҳуқуқшиносӣ ва

хонандагони синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ роҳнамоҳо таҳия ва маҷмуаи санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон омода шудаанд.

Дар доираи амалисозии марҳилаи дуюми татбиқи Барнома тайёр кардани омӯзгорони (тренерон) таълими ҳуқуқи инсон ва дар ин самт кушодани саҳифаи алоҳида дар сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар нақша аст. Ҳамзамон татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба роҳ мондани курсҳои доимии такмили ихтисосро барои муаллимони фанҳои "Ҳуқуқи инсон" ва "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он тақозо менамояд.